## 12 00 08 УГОЛОВНОЕ ПРАВО
## 12 00 08 CRIMINAL LAW

*УДК 343*
*ББК 67.408.131*

# ЗАРУРАТИ МУАЙЯН КАРДАНИ САБАБУ ШАРОИТИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

***Раҳматулоев Абдуҷаббор Эргашович,*** *профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДДҲБСТ;* ***Қаҳоров Насим Мазбутович,*** *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# НЕОБХОДИМОСТЬ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПРИЧИН И УСЛОВИЙ ФУНДАМЕНТАЛИЗМА И ТЕРРОРИЗМА В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

***Рахматулоев Абдуджаббор Эргашович,*** *профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора ТГУПБП;* ***Кахаров Насим Мазбутович,*** *к.ю.н., доцент кафедры судебного право и прокурорского надзора ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*
***E-MAIL:*** *knasim-1985@mail.ru*

# THE NECESSITY OF DETERMINING REASONS AND CONDITIONS OF FUNDAMENTALISM AND TERRORISM IN ENSURANCE OF NATIONAL SECURITY

***Rakhmatulloyev Abdujabor Ergashevich,*** *Professor of the department of forensic law and Directorate of Public Prosecutions under the TSULBP;* ***Kaharov Nasim Mazbutovich,*** *candidate of juridical sciences, Associate Professor of the department of forensic law and Directorate of Public Prosecutions under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо:*** *чораҳои муқовимат, ҷинояткории трансмиллӣ, сарчашмаи маблаггузорӣ, сабабу шароит, пешгирӣ, таргибот, зӯроварӣ*

*Мақола ба зарурати андешидани маҷмӯи чораҳои муқовимат бар зидди терроризм, экстремизм ва таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст. Муаллифон аз афзоиши хавфу хатари терроризм ва экстремизм дар миқёси минтақаи Осиёи Миёна изҳори нигаронӣ карда, сабабу шароитҳои зуҳури падидаҳои номатлубро номбар мекунанд. Доир ба сабабу шароити густариши ифротгароӣ, воруди ҷавонон ба ҳаракатҳои тундгарой, муқовимат зидди таргибот ва ташвиқоти бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, маҳаллӣ, миллӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ изҳори андешаҳо шудааст. Доир ба таҳияи низоми самарабахши мубориза бар зидди ташвиқот, маблаггузории терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), муқовимат ба таблиготи террористӣ ва экстремистӣ бо зикри сабабу шароити густариши экстремизм дар ҳаёти ҷомеаи имрӯза, тавсияҳои асоснок пешниҳод шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *меры противодействия, транснациональная преступность, источник финансирования, причины и условия, профилактика и пресечение, пропаганда насилия*

*Рассматривается необходимость принятия комплексных мер противодействия терроризму и экстремизму для обеспечения безопасности в регионе. Уделено внимание нарастающей ныне угрозе радикализма и террористических актов, паралельно перечисляются ее причины и условия. Выдвигаются выводы о причинах и условиях распространения экстремизма и терроризма в регионе, присоединения молодого поколения к радикальным течениям, а также предложения по противодействию идеологическим, политическим, расовым, национальным, местническим или религиозным формам пропаганды ненависти либо вражды. Обосновываются выводы по разработке и принятию надежной системы комплексных мер по выявлению и пресечению источников пропаганды, финансирования и поддержки экстремистских и террористических группировок, с учетом способствующих им причин и условий.*

***Key words:*** *measures of counteraction, transnational crime, source of financing, reasons and conditions, prophylastics and interruption, propaganda of violence*

*The article dwells on the necessity of adopting complex measures of counteraction to terrorism and extremism in order to ensure security in the region. Attention is paid to an accreting threat of radicalism and terroristic acts; concurrently all its reasons and conditions being enumerated. There are moved the inferences concerned with reasons and conditions of dissemination of extremism and terrorism in the region, young generation's joining to radical trends and also suggestions on counteraction to ideological, political, racial, national, local or religious forms of propaganda of hatred or enmity. The authors present well-grounded conclusions on elaboration and adoption of a reliable system of complex measures on elicitation and interruption of the sources of propaganda, financing and support of extremistic and terroristic groups with reasons and conditions promoting them being taken into account.*

Афзоиши таҳдиди хавфу хатари терроризм ва экстремизм тамоми давлатҳо, аз ҷумла давлатҳои минтақаи Осиёи Миёнаро водор мекунад, ки дар самти муқовимат ба ин падидаҳои хавфнок дар робита бо ҳамдигар сари вақт чораҳои амалӣ андешанд. Воқеаҳое, ки дар ҳудуди давлатҳои Шарқи Наздик рух дода истодаанд, фоҷеаи мудҳишанд, ки оқибатҳояшон монанди лаппиши мавҷ ба дигар давлатҳо таъсири худро мерасонанд. Ба анҷом расидани задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди Ироқ ва Сурия маънии пурра барҳам хӯрдани ташкилоти террористии ба ном "Давлати исломӣ" ва дигар созмонҳои террористиро надорад ва набояд боиси хотирҷамъиву ғафлати сохтору мақомоти дахлдор ва аҳли ҷомеа гардад [1, с.2].

Баҳри муқовимат ва пешгирии терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар, муттаҳид намудан ва ҳамоҳангсозии имкониятҳои мавҷуда ва нерӯи давлатҳои минтақа дар пешорӯи ин хатари умумӣ ногузир аст. Аз ин рӯ, чораҳои муқовимат зидди ин зуҳуроти хавфнок бояд дар маҷмӯъ амалӣ шуда, набояд танҳо бо қабули муроҷиатнома, созишнома, барнома ва ё дигар сандаҳои декларативӣ маҳдуд гарданд. Чорабиниҳои мазкур бояд хусусияти консептуалӣ дошта, бо назардошти сабабу шароите, ки ба паҳн шудани ин зуҳуроти хавфнок мусоидат мекунанд, таҳия ва амалӣ шаванд.

Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии гурӯҳҳои тундраву ифротгаро, ҷалби наврасон ва

ҷавонон ба сафи гурӯҳу созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мавзӯи таҳқиқоти олимон, муҳаққиқон ва мутахассисони ватаниву хориҷиро ташкил додаанд [3, с.12]. Натиҷаи таҳлили назариявӣ ва амалияи мақомоти тафтишию судӣ дар самти муайян кардани сабабу шароити паҳн шудани ҷиноятҳои хусусияти ифротгароӣ ва террористидошта, барои бартараф кардани омилҳои барангехтани низоъ ва бадбинии иҷтимоӣ рӯзмарра ва муҳимманд. Натиҷаи таҳлили амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ва тадқиқоти илмӣ заминаҳои сиёсиву иҷтимоии пайдоиш ва содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидоштаро на танҳо муайян ва гурӯҳбандӣ мекунад, балки вобаста ба хусусият ва моҳияти манбаъ ва сарчашмаҳои он чораҳои самараноки муқовиматро амалӣ мегардонад [5, с.8-9]. Зеро экстремизм ва терроризм монанди дигар падидаҳои номатлуб бемории иҷтимоӣ аст, ки пешгирӣ ва «муолиҷа» -ро талаб мекунад [7, с.14].

Ҳоло дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босурати он, торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байни-мазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, ҳимояи марзу буми кишварҳои минтақа ва ҳифзи амнияти ҳар як давлату миллат ба масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим табдил ёфтааст.

Дар натиҷаи таҳлили амалияи муқовимат бо ҷинояткорӣ ва ҷиҳатҳои назариявии масъалаи номбаршуда, бо назардошти ҷамъбасти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба кирдорҳои экстремистӣ ва террористӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки сабабу шароити паҳн ё фаъол шудани ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаю адоват ё низои миллӣ, мазҳабӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ, инчунин тарғибу ташвиқи бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мазҳаб, мансубияти онҳо ба миллат, нажод ё маҳал равона шудааст, зинаҳои ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки пайваста ё ҷудо аз ҳамдигар амалӣ шуда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои ифротгароӣ ва террористӣ муҳити муносиб фароҳам меоранд. Аз ин лиҳоз, омилҳои зерин бояд дар маркази таваҷҷӯҳ қарор дошта бошанд:

1. Муайян кардани сабабҳои афзоиши содир шудани кирдорҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта бояд аз таҳлил ва муҳокимаи асосҳои манфиат-дории давлатҳои абарқудрат, хадамоти махсуси онҳо, доираи муайян, сохтор ва корпоратсияҳои трансмиллӣ дар барангехтани низоъ дар минтақа оғоз шавад. Дар аксар мавридҳо манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратии гурӯҳӣ ё таъсиррасонӣ ба ҷараёни сиёсӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла истеҳсолӣ ё истеъмолӣ дар маркази ҳама гуна дурнамо ё барномаҳои онҳо қарор доранд.

Маҳз бо дастгирӣ ва маблағгузории ошкоро ва ғайриошкорои гурӯҳи манфиатдор воҳиду сохторҳои экстремистӣ ва террористӣ дар ҳудуд ё минтақаи муайян ба фаъолият шурӯъ мекунанд ё фаъол мешаванд. Хадамот ё воҳидҳои махсуси гурӯҳи манфиатдор ташкилотҳои ғайридавлатӣ, фонд, марказ, ё ташкилотҳои ҷамъиятиро дар зери пардаи ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон ё кӯмаки башардӯстона таъсис дода, омодагии махсус ва амалҳои онҳоро роҳбарӣ, роҳандозӣ ва ё пуштибонӣ мекунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар ҳудуди давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Осиёи Миёна бо мақсади ошкоро фаъолият намудан дар ҳудуди давлати дигар,

таъсис ёфтани воҳиду сохторҳо ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ бо маблағгузории давлатҳои хориҷӣ фаъол гаштааст, ки ҳадафи ниҳоии на ҳамаи онҳо мақсади хайрия ва эҳсонкорӣ аст;

2. Муайян карда шудани шароит ё заминаҳои иҷтимоӣ, ки ба амалӣ гаштани фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд ё зарурати амалигардонии ин фаъолиятро минбаъд асоснок менамояд, ё ҳақ нишон медиҳад, зарурати бартарии миллӣ ё нажодиро асоснок менамоянд, ё ҳақ мебарорад, ё амалҳои экстремистӣ ва террористиро, ки ба несту нобудкунии пурра ё қисми ягон намуд гурӯҳи мазҳабӣ, этникӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ равона карда шудаанд, асоснок мегардонад ё ногузир ва ҳақ медонад.

Барои барпо кардани чунин шароити мусоид, амалишавии нақшаи сарпарастон аз омӯзиш ва таҳлили геополитикии минтақа, муҳити зист, анъанаи миллӣ, фарҳанг, урфу одат ва мушкилиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ оғоз мешавад. Аксарияти нафароне, ки ба ин ҷараён дохил мешаванд, оид ба муҳайё кардани шароит ва вазъияти муносиб корбарӣ мекунанд, лекин аз ҳадафи ниҳоии фаъолияти ниҳод ё ташкилот ё барномаи он гоҳо бехабаранд. Онҳо вазифаҳои муайянро аз рӯи нақшаи сарпарастон (хадамоти махсуси махфӣ амалкунанда) иҷро мекунанд. Ҳадафи ниҳоии онҳо танҳо дар натиҷаи таҳлили комплексии фаъолияти тамоми зинаҳо аён мегардад.

Баргузории тренинг, семинар, машварат, вохӯрӣ, конференсия, ҳамоиш ё барпо намудани лагерҳои истироҳатию таълимӣ бо шиорҳои гуногуни инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, шиносоӣ бо фарҳанги миллӣ роҳҳои паҳншудаи таҳлилию ҷамъоварии маълумот барои муайян кардани ҳувият, анъана, масъалаҳо, муҳити ҷомеаи минтақаи муайян амалӣ мешаванд;

3. Баъди амалӣ намудани чорабиниҳо ва шиносоӣ бо муҳити зисти аҳолии минтақа, аз байни иштирокдорони чорабиниҳои барпошуда, ҷавонон, шахсони муайянро ба конференсия, семинар, экскурсия, саёҳат ё курсҳои бозомӯзӣ, забономӯзӣ ва ё такмили ягон ихтисос ба хориҷи кишвар сафарбар мекунанд, ки ин зинаи навбатӣ ва фаъоли корбарӣ бо чунин ашхос аст. Ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати рафтор, арзишҳои фардию иҷтимоиро таҳлил ва ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ҷузъи муайяни барои ҳамин миллат, мардуми ҳамин минтақа ё маҳал, гурӯҳи иҷтимоӣ осебпазир ва ҳассосро ҷудо мекунанд;

4. Дар натиҷаи таҳлили дақиқи ин омилҳо зинаи нави таъсиррасонии мафкуравию руҳӣ ба шуур, ирода ё нисбати фикррони гурӯҳи муайяни аҳолӣ ё маҳал оғоз мешавад. Бо истифодаи нуқтаҳои ҳассос ва осебпазир дар вуҷуди шахси алоҳида ё гурӯҳи ашхоси муайян (вобаста ба маҳали зист, эътиқод, забон, мазҳаб, нажод, авлод, касбу кор) бо роҳи тарғибот ва ташвиқоти ғалат, ё намоишдиҳии сенарияи пешакӣ омодашуда зина ба зина (бо пайдарҳамӣ аз рӯи барномаи хоса) бадбинӣ ё ҳисси норозигӣ, кина ва адоватро бедор ё фаъол мекунанд. Дар ин зина шахсоне, ки дар хориҷи кишвар якчанд маротиба курсҳои ройгони бозомӯзӣ гузаштаанд ва ё фаъолияти онҳо аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ маблағгузорӣ мешавад, ба иҷрои вазифаҳои ба ном «ҷамъиятӣ» ё амалисозии лоиҳаи муайян шурӯъ мекунанд. Вазифаи аксарияти онҳо ҳавасмандсозӣ, даъват ва бо роҳҳои гуногун ба сохторҳои экстремистӣ ва террористӣ дохил кардани шаҳрвандон аст, ки дар зери пардаи озмунҳои касбӣ, таълим ва ё таҳсилоти дастрас, такмили ихтисос, ҷалби муҳоҷирони

меҳнатӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос фаъолияти худро роҳандозӣ мекунанд.

Дар ин зина омилҳои фардию иҷтимоӣ, ба монанди иродаи ноустувор, ҳаваси маблағи зиёд ёфтан, норозии ботинӣ, шикоят аз шароит, аз ҳаёти шахсӣ, аз низоми маъмурию судӣ, дарки нодурусти меъёрҳои мазҳабӣ, зуҳурот, воқеа, ё фоҷеа, фарҳанги паст, хоҳиши дар маркази диққат будан, ҳаваси ғалати «фидоӣ ё қаҳрамони роҳи дин шудан», намоиш додани бартарияти худ, ё эътирози ботинии худ ба ҷараёни шомилшавӣ ва барангехтани бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, ё динӣ, ҳамчунин ба ташаккули нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ бевосита ба онҳо ёрӣ мерасонанд.

5. Роҳи навбатии онҳо ҷалб кардани мутахассисони соҳаи муайян, шахсони мансабдор ба фаъолияти ташкилоти экстремистӣ ва террористӣ бо роҳи нисбатан мураккаб ва ё печида, инчунин ҳавасмандгардонӣ, фиреб, таҳдид ва зӯроварӣ, ба тариқи сунъӣ ба вуҷуд овардани шароити мусоид ё номусоид дар вазифаи хизматӣ ё фаъолияти касбӣ, ё ҳолати гуворо ё баръакс ногувор нисбати ин шахс ё хешовандони наздики вай, барпо кардани ҳодисаи нохуш, ба беморӣ сироят кардани худи шахс ё аъзои оилаи вай, таҳдиди паҳн кардани маълумот дар бораи ҳаёти шахсии вай ё хешовандони наздики вай ва ғайраҳо, ки шахсро маҷбур мекунад аз рӯи супориш ё хоҳиши шахсони муайян, бо истифодаи мақоми хизматии худ ба манфиати аъзои гурӯҳ ё ҷузъу томҳои ниҳоди ифротгароӣ шароит муҳайё кунад, амали муйянро иҷро кунад ё иҷрои онро мавқуф гузорад ё ба иҷрои ягон амал халал расонад ё худдорӣ кунад. Ба монанди сарпарастии мансабдорӣ, яъне аз тарафи мансабдорони зинаҳои болоӣ ҳимоя шудани мансабдорони сохторҳои поёнӣ, барои онҳо фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият бар ивази «садоқати шахсӣ» ва дастгирии тиҷоратӣ, касбию соҳавӣ, инчунин «харидани мансаб ва ё овозҳо», «дастгирии корпоративӣ, гурӯҳӣ, авлодӣ», таъсиси нуқтаи хизматрасонӣ ё савдо, сарпарастии ташкилот, таълимгоҳ, маблағгузории мунтазам ё саҳми яккарата ба хазинаи онҳо, таъмини таҷҳизоти техникӣ, харидани молу мулки ғайриманқул барои онҳо, ё ин ки пардохти арзиши иҷораи он, додани маблағҳои пулӣ барои ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динидошта, омода кардани ҳуҷҷат, паноҳгоҳ, манзил ва ғайраҳо. Дар чунин мавридҳо низ ҳадафи ниҳоии нафарони иҷрокунандаи амалҳои ин зина мумкин аст, ки рӯйпӯш монад;

6. Зинаи дигари муҳайё кардани шароити мусоид барои содир кардани кирдорҳои экстремистӣ ва террористӣ бо таъсиси ҷузъу томҳои ниҳоди ифротгароӣ (ҳизб, ташкилот, даста ва ғ.), хусусан бо ҷалби нафарони ҷиноятпеша, ҷавонон ва қаблан маҳкумшудагон мебошад, ки байни онҳо роҳбар ва аъзо муайян шуда, байнашон тақсими нақшҳо ва вазифаҳои аъзои иттиҳод, нақшаи содир намудани ҷиноятҳои мушаххас, тайёр кардани маводи экстремистӣ, ташкили таъминоти техникӣ, тарҳрезии тарзу усули содир кардани ҷиноят, андешидани чораҳои амниятӣ нисбати аъзои иттиҳоди мазкур ва корбарии онҳо оғоз мешавад [9, с.6; 4, с.3];

7. Зинаи дигар таъсир расонидан ба шуур ва иродаи доираи васеи одамон ба воситаҳои ахбори умум ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади барангехтани кинаву адоват ё асоснокунии зарурати бартарии миллӣ, мазҳабӣ, маҳаллӣ ё гурӯҳӣ, инчунин ҷалб кардани шахсони роҳгумзада ба амалигардонии фаъолияти экстремистӣ

мебошад. Шаклҳои даъват метавонанд шифоҳӣ, хаттӣ бошанд ё тавассути воситаҳои техникӣ паҳн карда шаванд.

Даъвати оммавӣ бо назардошти ҷой, тарз, вазъият ва дигар ҳолатҳо дар шакли муроҷиат ба гурӯҳи шахсон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, маҷлисҳо, гирдиҳамоӣ, намоишҳо, паҳн кардани варақаҳои ташвиқотӣ, насби лавҳаҳо, ҷой кардани даъват ё иттилооти дахлдор дар маҷаллаҳо, ҷузваҳо, китобҳо, бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи Интернет, дар сайтҳо, блог ё форумҳо, паҳн кардани паёмҳо бо роҳи ирсоли хабарҳои электронӣ амалӣ мешаванд [6, с.5 ; 2, с. 197-210];

8. Шароити дигаре, ки барои барангехтани кинаву адоват, низоъ муҳит барпо мекунад, ин сифати пасти корбарии баъзе аз сохтору воҳидҳои маъмурӣ, бемасъулиятии баъзе аз шахсони мансабдор, зоҳирпарастӣ ва манфиатҷӯии шахсии онҳо, бепарвоӣ нисбати пайомад ва зуҳуроти сиёсиву иҷтимоӣ, канораҷӯӣ аз корҳои созандагӣ, табдил додани сохтор, воҳидҳои маъмурӣ (ҳатто табобатгоҳ ва боғчаҳои кӯдакон) ба нуқтаҳои тиҷоративу даромади гурӯҳӣ, ҷорӣ кардан, пайваста ва беасос баланд кардани меъёри пардохтҳо, новобаста аз даромади ҳадди ақали аҳолӣ, беэътиноӣ нисбати ниёзу мушкилоти мардум, ки боиси коста гаштани эътимоди мардум ба низоми давлатдорӣ ва арзишҳои маънавӣ мегардад [10, с.2-4 ; 8, с.3; 11, с.4].

Омилҳои номбаршуда бояд мавриди таҳлил, омӯзиш ва чораандешӣ қарор дода шаванд, вобаста ба онҳо нақша ва барномаҳои муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм таҳия ва амалӣ шаванд. Дар акси ҳол чораҳои муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм бесамар хоҳанд буд. Аз ҷониби дигар, омилҳои номбаршуда минбаъд метавонанд сабабгори коста гаштани пояҳои давлатдорӣ, арзишҳои маънавию иҷтимоӣ, ноумедӣ ва сипас барпокунандаи муҳити низоъ шаванд.

***Пайнавишт:***

*1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 // Ҷумҳурият, № 256 (23599), аз 26 декабри с.2018.*

*2. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №7 аз 31 августи соли 2007 “Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ташкилотҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) //Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992-2012). - Душанбе : Ирфон, 2009. - 446 с.*

*3. Агапов П.В., Борисов С.В., Васнецова А.С. и др. Экстремизм: стратегия противодействия и прокурорский надзор. – М., 2015. – 428 с.*

*4. Бадалов И., Назаров Б. ҲНИ - созмондиҳандаи бесарусомониҳо дар Тоҷикистон // Ҷавононои Тоҷикистон, № 47 (9577) аз 22 ноябри соли 2018.*

*5.Воҳидов Ҳ.С., Солеҳзода Ш.Н. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводҳо оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 308с.*

*6. Дӯстов А. Муқовимати иттилооти алайҳи ифротгароён мушкилот дорад // Минбари халқ, № 16 (1205) аз 17 апрели соли 2019.*

*7. Особенности расследования преступлений экстремистской и террористической направленности. – М.: Институт повышения квалификации СК РФ, 2012. – 229 с.*

*8. Раҳимзода У. Нафақаи муҳоҷир // Тоҷикистон, № 4 (1306) аз 23 январи соли 2019.*

*9. «Ҳизбуллоҳи афғонӣ» // Тоҷикистон, №3 (1306) аз 16 январи соли 2018.*

*10. Ятимов С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ // Ҷумҳурият, № 69-70 (23672-673) аз*

*11 апрели соли 2019).*
*11. Худойбахшов Н. Деҳқон деҳқонӣ кунад ё ҳисоботсупорӣ // Минбари халқ, № 33 (1169) аз 15 августи соли 2018.*

***Reference Literature:***

1. *The Message of the Founder of Peace and National Concord, Leader of the Nation, Tajikistan Republic President Emomali Rakhmon to the Supreme Council (Majlisi Oli) of TR from 26.12.2018 // Djumkhuriyat (Republic), 2018, December 26, N256 (23599).*
2. *The Resolution of the Supreme Court Plenum of TR from August 31, 2007, №7 "On the Experience of Consideration of Criminal Affairs Beset with Extremic Organizations (Fundamentalism) // Collection of Resolutions of Supreme Court Plenums (1991-2012). – Dushanbe: Cognition, 2009. – 446 pp.*
3. *Agapov P. V., Borisov S. V., Vasnetsova A. S. et alia. Extremism: Strategy of Counteraction and Directorate of Public Prosecutions. -M., 2015. – 428 pp.*
4. *Badalov I., Nazarov B. PIRT (the Party of Islamic Revival of Tajikistan // Youth of Tajikistan – 2018, November 22, №47 (9577)*
5. *Vohidov Kh. S., Solehzoda Sh. N. Normative-Legal Instruments and their Materials in the Struggle with Terrorism and Extremism (Fundamentalism). – Khujand: Khuroson, 2016. – 308 pp.*
6. *Dustov A. Informational Resistance versus Extremists is Beset with its Own Difficulties // Minbari Halk (People's Tribune. - 2019, April 7, №16 (2015)*
7. *Peculiarities of Investigation of the Crimes Beset with Extremism and Terrorism. – M.: The Institute of Elevation of Qualification under RT SK (Forensic Code), 2012. – 229 pp.*
8. *Rahimzoda U. Migrant's Pension // Tajikistan, 2019, January 23, №4 (1306)*
9. *"Khizbullokhi Afgani" // Tajikistan, 2018, January 16*
10. *Yatimov S. Rationalism and the Rules of Steering the State // Djumkhuriyat-2019, April 11, №№ 69-70 (23672-673)*
11. *Khudoybahshov N. Should a Dekhan Be Busy with Agriculture or Should he Indulge hiself in a Creation of Numerous and Endless Accounts? // People's Tribune, 2018, August 15, №33 (1169).*